# ПРОТОКОЛИ № 9
## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-075 назди Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

аз 26 июни соли 2026 ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
аз 9 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ
9 нафар , аз рӯйи ихтисос 3 нафар

26 –уми июни соли 2026, соати 14:00 дар толори Институти хокшиносӣ ва агрохимияи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21а ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА–075 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа: 16:27.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои кишоварзӣ, Раҳимов Шарофҷон Тоирович.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои биологӣ, Шералиев Фируз Ҷалолович.

Раиси шуро: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 9 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.04.2024 №146/шд тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 9 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 3 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Кӣ тарафдор? Тарафдор 9 нафар. Муқобил нест. Бетараф нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Сафарзода Зайнудин дар мавзуи “Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ.

Диссертасия дар шуъбаи селексия ва технологияи чорвои гўштӣ, қутоспарварӣ ва аспарварии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ доктори илмҳои биологӣ, дотсент, аъзои вобастаи АИКТ, Амиршозода Файзулло Сафар, ноиби президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

1. Рўзибоев Нураддин Раҳимович - доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор, мудири шуъбаи Оҳангаронии Институти илмӣ тадқиқотии чорводорӣ ва парандапарварии Ҷумҳурии Ўзбекистон;
2. Ҷўрабегзода Абдуҷаббор Ҷурабег, номзади илмҳои кишоварзӣ, декани факултети зооинженерии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

**Муассии пешбар** - Институти илмӣ - тадқиқотии чорводорӣ ва чарогоҳи Ҷумҳурии Қирғизистон.

## БАРОМАД НАМУДАНД:

1. Раиси шуро: доктори илмҳои кишоварзӣ, Раҳимов Шарофҷон Тоирович.
2. Котиби илмии шуро: номзади илмҳои биологӣ, Шералиев Фируз Ҷалолович.
3. Унвонҷӯ: Сафарзода Зайнудин.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзои шуро, доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Рўзиев Тўйчӣ Бадалович, номзади илмҳои кишоварзӣ, Давлатов Хуршед Қаҳорович, доктори илмҳои кишоварзӣ, Эргашев Давронҷон Дадаҷонович, номзади илмҳои кишоварзӣ Наботов Сафараӣ Қачинович, ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмӣ доктори илмҳои биологӣ, дотсент, аъзои вобастаи АИКТ, Амиршозода Файзулло Сафар шунида шуд.

Баромади муқаризони расмӣ.

1. Рўзибоев Нураддин Раҳимович
2. Ҷўрабегзода Абдуҷаббор Ҷурабег

Баромади муҷарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Рўзиев Тўйчӣ Бадалович;
2. Раҷабов Наҷбудин Амиралиевич;
3. Икромӣ Фазлиддин
4. Раҳимов Шарофҷон Тоирович.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии

диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 аъзои шурои диссертатсионӣ Рӯзиев Тӯйчӣ Бадалович, Наботов Сафаралӣ Қамчинович, Давлатов Хуршед Қаҳорович интихоб гардиданд.

Аз 9 нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта дар бахши овоздиҳӣ 9 нафар иштирок намуданд: аз инҳо 3 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертасия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 9 нафар, муқобил –нест. бюллетени беэътибор – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Сафарзода Зайнудин додани дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ қабул гардид.

## ҚАРОРИ
### шурои диссертатсионии 6D.КОА-075 назди Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон

аз 26 июни соли 2026 ш. Душанбе

Суханронии Сафарзода Зайнудин дар мавзуи “Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ, тақризи муассисаи пешбар - Институти илмӣ тадқиқотии чорводорӣ ва чарогоҳи Ҷумҳурии Қирғизистон, суханронии тақризи муқарризи расмӣ доктори илмҳои кишоварзӣ Рӯзибоев Нураддин Раҳимович, мудири шуъбаи Оҳангарони Институти илмӣ – тадқиқотии чорводорӣ ва парандапарвариии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, муқаризи расмӣ – номзади илмҳои кишоварзӣ Ҷурабегзода Абдуҷаббор Ҷурабег, - декани факултети зооинженерии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, муқаризони ғайрирасмӣ доктори илмҳои кишоварзӣ профессор, Рӯзиев Тӯйчӣ Бадалович; доктори илмҳои кишоварзӣ, Раҷабов Наҷбудин Амиралиевич; номзади илмҳои кишоварзӣ, Икромӣ Фазлиддин; доктори илмҳои кишоварзӣ, Раҳимов Шарофҷон Тоировичро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш,

навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Сафарзода Зайнудин

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Сафарзода Зайнудин дар мавзуи "Сифатҳои гӯштии чорвои популятсияи маҳаллӣ дар асоси дурагакунӣ бо зоти сарсафеди қазоқӣ дар шароити минтақаи Кӯлоб", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд;
3. Ба Сафарзода Зайнудин дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ дода шавад;
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 – Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ ба Сафарзода Зайнудин аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор 9 нафар, Муқобил –нест. Бетараф –нест.

Қарори якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ — Раҳимов Шарофҷон Тоирович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои биологӣ — Шералиев Фируз Ҷалолович

26-уми июни соли 2026